# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ФАРМОИШ

аз «30» марти соли 2021 № 86/ои. ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА – 005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба Маҳмудзода Суханвари Анвар дар мавзӯи «Таджикистан в период перестройки (1995-1991 гг)» аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ, бинобар риоя нагардидани банди 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, прфессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва Дастурамал дар бораи санҷиши диссертатсияҳо оид ба мавҷуд будани асардуздӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №5/7) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба Маҳмудзода Суханвари Анвар рад карда шавад.

3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Маҳмудзода Суханвари Анвар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.

4. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2021, №3.

Раис Розиқзода А.Ш.